**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич дар мавзӯи “Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00- Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 –Таърихи ватанӣ) Душанбе, 2024.**

Диссертатсияи Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич ба яке аз масъалаҳои мубрами таърихи ватанӣ бахшида шудааст. Мусаллам аст, ки энергетика яке аз соҳаҳои муҳим ва афзалиятнок ба ҳисоб рафта, дар рушди иқтисоди ҳар як кишвари соҳибистиқлол ҷойгоҳи махсусро доро мебошад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон мубрам арзиёби гардида, саҳифаи навро дар таърихнигории ватанӣ боз менамояд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи номзадии Б. М. Алимардонов ба бандҳои асосии шиносномаи ихтисосҳои КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ пурра мутобиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Баррасии мавзӯи “Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)” дар айни замон, ки яке аз рукнҳои омӯзиш ва таҳқиқи тарихи тоҷикон дар асри гузашта ва ибтидои асри XX1 ба шумор меравад, хеле ҳам рӯзмарра буда, дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик саҳифаҳои нав ворид хоҳад сохт.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқшаванда боз дар он инъикос меёбад, ки асри XX ва оғози асри XXI-ро яке аз давраҳои муҳим дар таърихи Тоҷикистон ба шумор рафта, маҳз дар ҳамин айём миллати тоҷик ба дастовардҳои назарраси иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ ноил гардида, дар ин росто ҳалли

мушкилоти рушди энергетикӣ, татбиқи он дар равандҳои заҳматталаби рушди иқтисодӣ, таҳсилот, илму фарҳанг ва дигарҳоро номбар кардан мумкин аст.

Инчунин мубрамияти рисолаи мазкур дар он инъикос меёбад, ки дар даврони Истиқлол яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат, ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурӣ Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон истиқлолияти энергетикии кишвар муайян гардидааст, аҳаммияти илмии мавзӯи таҳқиқшавандаро қавитар гардонида, мубрамияти онро собит месозад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд** аз он иборат аст, ки бори аввал дар шакли мукаммал таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)" мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар диссертатсия назар ва андешаҳои муҳаққиқони мухталиф оид ба масъалаи мазкур ҷамъоварӣ ва таҳлил шудаанд.

Муаллиф дар раванди навиштани диссертатсия ба консепсия ва назарияи муҳаққиқини забардасти тоҷик ва хориҷӣ такя намуда, аз усулҳои гуногуни илмӣ, аз қабили таҳлили муқоисавӣ, таърихӣ-назариявӣ, таърихӣ-амалӣ ва ғайраро мавриди истифода қарор дода, нуктаҳо ва хулосаҳои илмиро пешкаш намудааст.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, 2 боб, хулоса, номгӯи сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзӯи таҳқиқ асоснок шуда, сатҳи омӯзиши он, объекти таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгонии илмӣ, сарчашмаҳои таҳқиқотии рисола, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодгардида, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, сохтор ва ҳаҷми рисола муайян гардидаанд.

**Боби якуми диссертатсия - «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон дар даврони шуравӣ»**, ном гирифта, чаҳор зербобро фарогир мебошад. Зербоби аввал, таҳти унвони «**Захираҳои обӣ-энергетикии Тоҷикистон**» масоили захираҳои обӣ ва энергетикии Тоҷикистонро дар бар гирифта, муаллиф қайд менамояд, ки масъалаҳои истифодабарии захираҳои сӯзишворию энергетикии Бухорои Шарқӣ таваҷҷуҳи аморати Бухоро ва низоми колониалии Россияро ба худ ҷалб намекарданд. Манфиати онҳо асосан ба баланд бардоштани андозҳо аз халқи заҳматкаш табдил додани минтақаҳо ба ҷойи гирифтани маҳсулоти хоми мувофиқ равона шуда буд. Маврид ба зикр аст, ки масъалаи омӯзиши захираҳои обӣ-энергетикии Тоҷикистон танҳо пас аз барпо гардидани Ҳокимияти шуравӣ оғоз гардида, дар натиҷа шуруъ аз панҷсолаи якуми тараққиёти хоҷагии халқ, дар ҳудуди Тоҷикистон як қатор истгоҳҳои хурди барқӣ сохта ва ба истифода дода шуданд.

Зербоби дуюми боби якум «**Таърихи аз худ кардани захираҳои энергетикӣ ва электрикунонии мамлакат дар давраи дигаргунсозиҳои сотсиалистӣ**» ном гирифта, масъалаи азхуднамудани захираҳои энергетикӣ ва электрикунонии мамлакатро дар солҳои аввали Ҳокимияти шуравиро дар бар мегирад. Муаллиф менависад, ки ҷумҳурӣ, дорои захираҳои энергетикӣ ба монанди нафту газ, ангишт, энергияи офтоб, шамол аст, ки дар маҷмуъ ҳаҷми бузурги захираҳо буда, манбаи пешбари қувваҳои истеҳсолкунанда барои пешрафти иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар маҳсуб меёбанд.

Дар зербоби сеюми боби якум «**Аз таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу-шарқии Тоҷикистон**», ном гузори шуда, диссертант ба масъалаҳои сохтмони иншооти энергетикии ҷумҳурӣ, электрикунонии хоҷагии халқ, фарҳангу ҳаёти маишии аҳолии деҳнишини ноҳияҳои ҷанубу шарқӣ ҳам дар асри XX, ҳам дар солҳои истиқлолият мароқ зиҳир намудааст.

Қайд мегардад, ки Ҳукумати шуравӣ ба масъалаи электрикунонии ҳавзаи назди сарҳадӣ мароқи хоса зоҳир намудааст. Ҳамин буд, ки дар солҳои 1925-1930 аз 250 истгоҳи барқии дизелии иқтидорашон хурд 73 истгоҳ дар ихтиёри нуқтаҳои наздисарҳадии аҳолинишини ҳавзаҳои ҷанубу шарқӣ қарор дошт.

Дар диссертатсия қайд карда мешавад, ки дар солҳои шуравӣ дар ҷумҳури як қатор НОБ аз қабили Қайроқум, Сарбанд, Марказӣ, Норак ва ғайра мавриди ифтитоҳ қарор дода шуданд, ки дастоварди бузург дар соҳаи энергетикаи ҷумҳурӣ ба шумор меравад.

Зербоби чоруми боби якум, зери унвони «**Шаклу дараҷаҳои тайёр кардани мутахассисони соҳаи энергетика**», баррасиии масоили омодасозии мутахассисони соҳаи энергетикаро фарогир мебошад.

Муаллиф менависад, ки аввалин мутахассисоне, ки захираҳои сӯзишворию энергетикии кишварро омӯхтаанд, мутахассисони русзабон аз Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Украина, Ҷумҳурии Беларус ва дигар ҷумҳуриҳо мебошанд ва маҳз онҳо дар омодасозии мутахассисони соҳа аз ҳисоби тоҷикон нақши муассир бозида, дар рушди энергетикаи кишвар дар замони шуравӣ нақши бориз доранд.

Боби дуюми диссертатсия, «**Сохтмони энергетикӣ ва электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу-шарқии Тоҷикистон дар давраи истиқлол**» номгузори шуда, баррасии масъалаҳои зиёд шудани сохтмони иншоотҳои энергетикӣ, рушди соҳаи энергетика дар даврони Истиқлол ва электрикунонии равандҳои истеҳсолӣ дар бар мегирад.

Дар зербоби аввали боби дуюм - **«Сохтмони объектҳои энергетикӣ ва электрикунонии мамлакат дар давраи истиқлолият»**- муаллиф масоили электрикунонии мамлакатро мавриди таҳқиқ қарор дода, иброз медорад, ки барои халқи тоҷик давраи истиқлолият аз ҷиҳати инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ ҷойгоҳи махсусро касб намуда, то ин замон

энергетика ҳеҷ гоҳ ба барномаи алоҳидаи кишвар табдил наёфта буд. Дар ин росто, дар ҷумҳурӣ дар раванди сохтмон ва азнавбарқароркунӣ барои Тоҷикистон НБО Роғун, Сангтӯда-1, Сангтӯда-2, наздики 200 НБО миёна ва хурд ва истгоҳҳои гармидиҳанда, аз нав ҷиҳозонида шудани иншооти энергетикии фарсудашуда нақши тақдирсоз доштанд, дар бар гирифт.

Мусаллам аст, ки маҳз дар солҳои истиқлоли давлати Тоҷикистон ба дастовардҳои назаррас дар соҳаи энергетика ноил гардида, ба пойгоҳи калони энергетикӣ табдил ёфта, баҳри боз ҳам тезонидани электрикунонии ҷумҳурӣ имконияти васеъ ба миён омад. Муаллиф қайд менамод, ки тобистони соли 2008 вазорати энергетикаи ҷумҳурӣ барномаи нави умуми миллии сохтмони НБО хурд ва миёнаро нашр кард, ки дар доираи он то соли 2010 аз рӯйи нақша ҳамагӣ 13 иншоот, аз соли 2011 то2015– 23 иншоот, то соли 2025 бошад - боз 25 чунин НБО ба истифода дода шуд. Дар маҷмуъ дар зарфи 20 соли нопурра бояд 61 истгоҳи барқии хурд бо иқтидори умумии 77653 кВт ба истифода дода шавад.

Параграфи дуюми боби дуюм **«Истифодабарии қувваи барқ дар саноат ва хоҷагии қишлоқ, аз ҷумла дар ноҳияҳои ҷанубу-шарқӣ»** унвон гирифтааст, ки масъалаҳои нақши сохтмони иншоотҳои азими энергетикӣ аз қабили НБО Роғун, НБО Сангтӯда ва инчунин миқдори зиёди истгоҳҳои барқӣ дар манотиқи гуногуни кишвар мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар диссертатсия қайд ѓардидааст, ки дар ноҳияи Ҳамадонӣ аз 4 корхонаи саноатӣ, ки дар соли 1990 амал мекарданд, то соли 2021 ин адад ба 26 расид, ҳаҷми истеҳсолот бошад дар ин ноҳия 2 маротиба афзуд. Дар ноҳия заводҳои пахтатозакунӣ, графитбарорӣ, асфалтсозӣ, аз нав коркардкунии пахта, сехи мева фаъолият доранд, ки дар онҳо ҳамаи равандҳои меҳнатӣ бо қувваи барқ иҷро мешаванд. Чунин мисолҳои перомуни афзудани шумораи корхонаҳои саноатӣ дар ноҳияҳои ҷанубу

шарқии Тоҷикистон хело зиёд мебошад, ки далели рушди соҳаи мазкур дар солҳои Истиқлоли давлатӣ мебошад.

Дар зербоби сеюми боби дуюми диссертатсия, ки «**Истифодабарии қувваи барқ дар корҳои маданӣ, маишӣ, системаи маорифи ноҳияҳои ҷанубу-шарқии Тоҷикистон**» ном гирифтааст, ки муаллиф маълумотҳо перомуни нақши қувваи барқ дар беҳтар гардидани ҳаёти аҳолии минтақаҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон ҷой додааст.

Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки дар солҳои 1960-70-ум ва хусусандар солҳои истиқлолият дар ҳамаи ноҳияҳои наздисарҳадӣ кабелҳои баландшиддати қувваи барқ гузаронида шуда буд ва миқдори лозимии он мунтазам ба деҳаҳо ва хонаҳои деҳқонон дода мешуд.

Баъд аз гузаронида шудани кабелҳои баландшиддати қувваи барқ дар ноҳияҳои наздисарҳадӣ, имконияти фаррох баҳри сохтмони роҳҳо бо рӯйпӯши сахт, сохтани муассисаҳои таҳсилотӣ, фарҳангӣ, тандурустӣ, корхонаҳои хурди истеҳсолӣ ва ғайра ба вуҷуд омад.

**Дар хулосаи диссертатсия** фикри ҷамъбастии муаллиф оид ба мавзуъ оварда шуда, инчунин пешниҳодҳои назариявӣ ва тавсияҳои ӯ низ боиси қабул мебошанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия пешкаш гардидаанд, аз лиҳози илмӣ-методологӣ асоснок шуда, бо принсипҳои таҳқиқотии илми таърих мувофиқ мебошанд. Онҳо дар муқоиса бо нуқтаҳо ва хулосаҳое, ки дар илми таърих истифода мешаванд, хислати навгонӣ доранд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Маводи диссертатсияро метавон, дар рафти навиштани асарҳои илмӣ оид ба таърихи халқи тоҷик, инчунин дар рафти тартиб додани маводи таълимӣ роҷеъ ба таърихи халқи тоҷик истифода кард. Ғайр аз ин, маводи таҳқиқи мазкур метавонад зимни навистани асарҳои алоҳида,

брошюра ва мақолаҳои истифода шавад, ки онҳо ташаккулёбии маҷмааи обию энергетикии Тоҷикистонро, бо инобати дурнамои азхудкунии захираҳои сӯзишворию энергетикии кишвар, ки онҳо имкониятҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва равандҳои фарҳангии Тоҷикистонро равшантар месозанд, ба пуррагӣ нишон медиҳанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Унвонҷӯ, Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич, оид ба диссертатсия худ 4 мақоларо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақоларо дар дигар нашрияҳо аз чоп расонидааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талабот.** Сохтор ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, ҷавобгӯи мебошад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ мебошад.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсияи Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, ки инҳо мебошанд:

1.Дар бахши дараҷаи таҳқиқи мавзуи муқаддимаи диссертатсия на ҳамаи асару мақолаҳои илмӣ оид ба масъалаи мазкур таҳлил гардидаанд.

2. Дар диссертатсия таърихи электрикунонии ноҳияҳои Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон ба таври кофӣ дарҷ нагардидааст.

3. Баъзе зербобҳои диссертатсия ва автореферати он бо хулосаи худи диссертант ҷамъбаст нагардидаанд.

4. Дар диссертатсия камбудиҳои техникию имлоӣ низ ба чашм мерасанд.

Аммо эродҳои зудислоҳшаванда қимати илмии диссертатсияро кам намегардонанд, зеро таҳқиқоти мазкур перомуни масоили мубрами таърихи ватанӣ навишта шуда, унвонҷӯ мақсад ва вазифаҳои таҳқиқро ба пуррагӣ

иҷро кардааст ва мазмуни кор бо ихтисоси илмӣ ба таври комил мутобиқат менамояд.

**Хулоса,** диссертатсияи Алимардонов Б.М. дар мавзӯи **«Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)»** кори ба анҷом расида ҳисобида шуда, ба талаботи бандҳои 31 – 35 -и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич– сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02–Таърихи ватанӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**номзади илмҳои таърих, дотсенти**
**кафедраи таърихи нав ва**
**навини кишварҳои хориҷии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Раҳимов Ф.Д.**

**Имзои номзади илмҳои таърих, дотсент**
**Ф.Д.Раҳимовро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
**«8» 06 2024 с.**

Суроға: 734025, хиёбони Рӯдакӣ, 17, Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон
тел. (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ: www.tnu.tj